**Тақриз**

**ба диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**

Дар таърихи адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷику форс абармардони зиёде гом гузоштаву аз нақши қудуми пурбаракоти эшон дар ин арса файзу футуҳоти вофире боқӣ монда. Нашъи қалами эшон дар тули чандин аср барои тарбияи маънавии мардумони гуногунтабақа хидматҳои пурарзиш сомон додаанд. Яке аз чунин родмардони арсаи таълиму тааллум Азизуддини Насафӣ мебошад. Ӯ хешро дар адабиёти тоҷики асри сездаҳуми милодӣ бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ, махсусан насри ирфонӣ чун орифу нависандаи соҳибназар муаррифӣ намудааст.

Ба хушбахтӣ, перомуни ҳаёт ва фаъолити эҷодии Азизуддини Насафӣ адабпажуҳиши ҷавону умедбахш Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович азми қавӣ намуда, диссертартсие таҳти унвони “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” таълиф ва барои баррасии аҳли илму адаб пешниҳод намудааст.

Чунонки аз баёни андешаи муаллифи диссертатсия бармеояд, асбоби мурочиати ӯ ба ин мавзуъ ба ҳадди лозим шинохта нашудани Азизуддини Насафӣ, асолати фикрӣ, шеваи нигориш ва осори таълифнамудаи ӯ дар доираи ирфон ва ҳам адабиёти асримиёнагӣ мебошад.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки мақоми Насафиро дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик бар асоси таҳлилу баррасии мундариҷа ва сабки таълифи осори мансури ӯ муқаррар ва мушаххас намояд. Бо ин мақсад предмети таҳқиқи диссертатсияи хешро ба омӯзиши ҳамаҷонибаи мақоми ин шахсияти барҷастаи олами ирфон дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик, вижагиҳои сабки таълифи рисолаҳои ӯ бахшидааст.

Бояд иброз намуд, ки дар рисола нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти маънавӣ ва эҷодии Азизуддини Насафӣ, маҷмӯи осор ва вижагиҳои адабиву бадеии таълифоти ӯ, мақоми ин шахсияти бузург ҳамчун адиб дар рушду таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷикм (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба Азизуддини Насафӣ ва саҳми ӯ дар рушду такомули осори насри маърифатии асримиёнагӣ дар адабиёти тоҷик таҳқиқи мукаммалу мустақим анҷом наёфта буд. Бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ҳамоно баррасии ҳамаҷонибаи осори мансури маърифатӣ, арзишҳои адабии онҳо, махсусан таҳқиқоти сарчашмашиносӣ ва поэтика дониста мешавад. Ба қавли унвонҷӯ: “Зеро мақоми осори фалсафию ирфонии файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи асримиёнагӣ барои муаррифии рушди мактабҳои фикрӣ ва фалсафӣ, ҷараёнҳои хоси ирфонии асрҳои миёна, ҷанбаҳои муҳимми адабии ин навъ асарҳо ва нақши онҳо дар ташаккули сабкшиносии насри классикии адабиёти форсу тоҷик аз аҳамияти хос бархӯрдоранд” [с. 16].

Дуруст аст, ки таҳқиқу баррасии сабк ва арзишҳои адабии мероси адабиву ирфонии адабиёти ҳазорсолаи тоҷик бо мақсади муайян намудани равишҳои махсуси ҷараёнҳои фикриву ирфонӣ, махсусан арзишҳои сабкшиносӣ замина мегузорад. Гузашта аз ин, тавассути пажуҳиши ҳамаҷонибаи осор ва шахсияти Азизуддини Насафӣ муҳимтарин сифатҳои сабкии насри классикии тоҷик, хоса насри осори ирфонии асримиёнагӣ то андозае мушаххас мегардад.

Арзишҳои адабӣ, матншиносию сохторшиносии сарчашмаҳои таълиф намудаи Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Мақсад-ул-ақсо» пеш аз ҳама ва беш аз ҳама мақому ҷойгоҳ ва манзалати Азизуддини Насафиро дар офариниши рисолаҳои ирфонӣ муайян намуда, сониян, ташаккул ва инкишофи ин жанри адабиро дар адабиёти асримиёнагӣ нишон медиҳад.

Чунонки унвонҷӯ мушаххас намудааст, самтҳои осори адиб асосан иборат аз баррасии фалсафаи офариниши олам ва инсон бар асоси таълимоти тасаввуф ва дидгоҳҳои хосаи ирфонӣ, ҷаҳоншиносии асримиёнагӣ, масоили умдаи ахлоқиву иҷтимоӣ бар пояи суннатҳои хоси нигориши осори мансури ирфонӣ, муайян намудани низоми комили муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзишҳои фалсафӣ ва адабӣ мебошанд.

Чунонки муаллиф таъкид медорад, омӯзишу пажуҳиши шахсият ва осори Азизуддини Насафӣ ҳанӯз аз замони зиндагии адиб оғоз шудааст. Муҳаққиқони зиндагиномаи адиб муайян намудаанд, ки осори ба мерос гузоштаи ӯро метавон сарчашмаи муътамад дар омӯзиши рӯзгор донист. Адиб дар бисёр мaворид аснои баёни масъалае аз рӯзгор ва аҳволу ақволи хеш, махсусан доир ба макотиби мутасавифини замон матолиби

ҷолиб баён намудааст. Маҳз ҳамин ҳолат имкони тавaҷҷуҳ ва тарҷумаи осори Азузиддини Насафӣ ба забонҳои хориҷиро ба миён овард. Шуруъ аз соли 1655 олимони Ғарб- Полмер, Фритз Мер, Ҳенри Корбен ва Морижон Мавла ба ин амали хайр даст зада, дар муаррифии шахсият ва осори Азизуддини Насафӣ корҳои пурарзишро ба итмом расониданд. Ибрози андешаҳои эшон ба сурати муқаддима ва тарҷумаи бобҳои алоҳида аз осори Азизуддини Насафиро дар сарчашмашиносии адабиёти асримиёнагии тоҷик метавон аз хизматҳои пурарзиш донист.

Дар таълифоти адиб тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва афкори ирфонии адибони асримиёнагии форсу тоҷик ҳамчунин, арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа ҳамчун падидаю усули баёни орифона ва корбандии аносири тасвири бадеӣ бармалло эҳсос мегардад. Андешаҳои адабиву ирфонӣ ва ҳакимонаи Азизуддини Насафӣ дар боби арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа дар «Кашф-ул-ирфон» ном асри адиб бештар мавриди тасниф қарор гирифтаанд. Чунонки унвонҷӯ қайд менамояд: “Аз ҷониби дигар, таҳқиқи ҷанбаҳои фикрии ин асари Азизуддини Насафӣ ҳамчун зуҳуроти ҷаҳоншиносии ирфонӣ дар партави арзишҳои адабиву бадеии он муаррифӣ мегардад, ки ин амр бори нахуст ба ин равиш ва чашмандози васеъ сурат мегирад” [с. 18].

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки дар рисола нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти маънавӣ, мақому ҷойгоҳи маҷмӯи осор ва вижагиҳои адабиву бадеии таълифоти Азизуддини Насафӣ дар рушду таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз рӯи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Лозим ба зикр аст, ки дар диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло таҳқиқи бархе аз расоили ирфонии Азизуддини Насафӣ, аз қабили «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони Комил», «Кашф-ул-ирфон», «Асрор-ут-тасаввуф», «Хос-ул-ҳуруф» аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, забону сабки нигориш, коргоҳи эҷодӣ ва мухтассоти бадеӣ ба таври густарда мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар ин масъала унвонҷӯ чунин хулоса дорад, ки Азизуддини Насафӣ дар адабиёти форсу тоҷик яке аз нависандагони соҳибмероси ирфонӣ мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва**

**тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Ҳамчунин, метавон натиҷаҳои таҳқиқотро дар дарсҳои лексионию амалии факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳ ва донишкадаҳои омӯзгории Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳо ва маводи конфронс ва семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баррасӣ гардида, ба нашр расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия дар маҷмуъ 176 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад. Ҳар як боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо шеваи хуби нигориши илмӣ таҳқиқ шуда, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд. Дар ҳама бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи шахсият ва осори ирфонии Азизуддини Насафӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Боби якуми диссертатсия «Рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ»** аз ду фасл иборат аст. Дар он фаслҳо такя ба манобеъ ва таҳқиқоти то ин дам анҷомёфта оид ба насри ирфонӣ дар мисоли осори насрии ирфонии Азизуддини Насафӣ дар адабиёти асримиёнагӣ мурурe ба сайри таърихии насрнигорӣ дар адабиёти форсу тоҷик сурат гирифтааст.

Дар фасли якуми боби якуми диссертатсия, ки **«Баррасии зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ»** унвон дорад, доир ба шахсияти яке аз орифони бузурги асри XIII Азизуддини Насафӣ, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо силсилатаълифоти ирфони хеш нақши муассир гузоштааст, таҳқиқот сурат гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо номи «**Тавсифи мухтасари мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ**» муаллиф аввалан, роҷеъ ба таълифоти пурарзиши адиби ориф Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Китоб-ут-танзил», «Маърифати инсон», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо», «Асрор-ул-қобилият», «Асрор-ул-ваҳй», «Сулуки мақомот», «Манозил-ус-соирин», «Усул ва фуруъ», «Асрор-ат-тасаввуф», «Хавос-ул-ҳуруф», «Асрор-ул-қобилия», «Лавҳи маҳфуз», «Мақсад-ул-ақсо», «Олами сағир», «Ваҳдати вуҷуд» нуктаҳои ҷолиби илмӣ баён намуда, сипас, дар ин замина оид ба ташаккули насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷик пажуҳиш анҷом дода, қайд мекунад, ки «Ҳамин зарурат яъне ба таври кофӣ омӯхта нашудани мавзуъ, барои таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи насри ирфонӣ, яъне сабку услуби осори ирфонии Азизуддини Насафӣ шароит пеш меоварад ва баробари ин тақозо медорад, ки мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нависандаи соҳибназару соҳибмактаб таҳқиқ шуда, ҷойгоҳи ӯ дар густариши насри ирфонӣ муқаррар гардад». (диссертатсия, саҳ. 41).

**Боби дуюми диссертатсия, ки «Сарчашмашиносӣ, мундариҷа ва сохтори рисолаҳои Азизуддини Насафӣ»** унвон гирифтааст, аз се фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муаллиф ба таҳқиқи нусхашиносӣ дар асоси нусхаҳои ба нашр расидаи расоили ирфонии Насафӣ пардохтааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ оид ба сохтору мундариҷа муҳтавои «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Мақсад-ул-ақсо» ном рисолаҳои Азизуддини Насафӣ пардохта, нуктаҳои арзишманди осори мазкурро байён намудааст.

Дар фасли аввали боби дуввуми диссертатсия, ки **«Нусхашиносӣ ва нашрҳои рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ»** унвонгузорӣ гаштааст, дар мавриди осор ва расоили адиб, ки дар Эрону Афғонистону Туркиё ва дигар кишварҳои олам тарҷума ва нашр гардидаанд, суханронӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳанӯз ҳам теъдоди зиёди осори адиб дар китобхонаҳои олампарешон буда, аз тахқиқ дур мондаанд. Муаллифи диссертатсия дар заминаи ин пажуҳиш аз муҳимтарин нусхаҳои хаттии рисолаҳои адиб, ки дар китобхонаҳои гуногуни олам маҳфуз мебошанд, ёдрас гардида, зарурати тасҳеҳ ва нашри осори ӯро дар асоси меъёрҳои

мавҷудаи матншиносӣ дар Тоҷикистон зарур медонад.

Фасли дувуми боби дуюми диссертатсия, ки **«Сарчашмашиносии осори Азизуддини Насафӣ ва сохтору мундариҷаи рисолаҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ»** номгузорӣ шудааст, пеш аз ҳама дар хусуси заминаҳои таълифи осори ирфонии адиб, ки асосан аз мутолиаи мукаммали таълифоти адибони пешин сарчашма мегиранд, таҳқиқот сурат гирифта, аз орифони номовари ҳамасри ӯ ёдоварӣ гардидааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия аз устодон ва касби камоли Азизуддини насафӣ ва тарбияти руҳонии ӯ сухан ба миён овардааст ва таъкид намудааст, ки дар тарбияи ирфонии Насафӣ устодони зиёде саҳим мебошанд.

**Хулосаи** унвонҷӯ дар ин фасл чунин аст, ки Азизуддини Насафӣ дар густариши насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷику форс барои муҳаққиқони улуми сарчашмашиносӣ хидмати шоиста анҷом додааст.

Муаллиф **фасли сеюми боби дуюми** диссертатсияашро **«Мақсад-ул-ақсо» ва сохтору муҳтавои он"** номгузорӣ намуда, перомуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи сохтор ва муҳтавои асари мазкур андешаронӣ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки «Мақсад-ул-ақсо» аз нигоҳи сохтор аз муқаддимаи муфассал ва чанд боб таркиб ёфтааст.

**Боби сеюми диссертатсия** «**Сабки таълиф ва арзишҳои адабии рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ**» унвон дорад ва аз се фасл: фасли аввал **«Шеваи нигориши насри сӯфиёна ва таҷассуми он дар осори Азизуддини Насафӣ»**, фасли дувум **«Вижагиҳои сабкии насри Азизуддини Насафӣ»** ва, ниҳоят, фасли сеюм **«Истифодаи ашъор, амсол ва ҳикоёти тамсилӣ дар осори Азизуддини Насафӣ»**. Фаслҳои зикр гардида фарогири масъалаҳои сабки таълиф ва арзишҳои адабии шеваи нигориши насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷик ва инъикоси он дар осори Азизуддини Насафӣ, вежагиҳои сабки осор ва истифодаи тамсил ва ҳикоёт дар таълифоти адибро дар бар мегирад.

**Муаллифи диссертарсия қайд менамояд, ки:** «Осори Азизуддини Насафӣ бо он ки бо забони содаву равон ва шево ба қалам омадааст, фарогири истилоҳоти зиёди ирфонӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, метавон ҷилваҳои хоси насри ирфониро дар ҳар яке аз ин таълифот ба мушоҳида гирифт, ки дар навбати аввал корбурди истилоҳоти ирфонӣ дар он барои бозтоби вижагиҳои ин навъи наср муассир афтодааст». (диссертатсия, саҳ. 104)

**Хулосаи** диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 19 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Муқаддимаи диссертатсия тавил ба назар мерасад. Муаллиф мебоист, ки онро мушаххастар баён менамуданд.
2. Дар диссертатсия дар баробари калимаи адабӣ истиллоҳои фалсафа, фалсафӣ истифода гардидааст, ки мубрамии масъалаи пажуҳиши Азизуддини Насафӣ чун адиби ориф бештар мегардонад. Яъне, баррасии арзишҳои адабии таълифоти Азизуддини Насафӣ аз мадди назар то андозае дур мемонад: “Ҳарчанд рисола «Азизи Насафӣ» унвон дорад ва дар он шарҳи ҳол ва мероси нависанда баён шудааст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки асосан мабоҳиси муаллифи асар роҷеъ ба ақоиди **фалсафии** Азизуддини Насафӣ сухан рафтааст.”
3. Дар баъзе мавридҳо истифодаи ноҷои калимаҳо ва ибораҳо ба ҳусни кор лакна ворид месозанд: “Пас аз бархӯрд бо яке аз номоварони ирфони аҳди худ Саъдуддини Ҳамавия, ки аз андешаҳои ирфонии Наҷмуддини Кубро пайравӣ менамуд, ба тариқати Кубравия гароиш намуд”. Дуруст аст, ки ба ҷойи калимаи “**бархурд”** калимаи “**вохурдан”** истифода гардад.
4. Дар диссертатсия ва фишурдаи он нуқсонҳои имлоӣ ҷо-ҷо ба назар мерасанд, ки ислоҳ ва рафъи онҳо ба манфиати кор мебошад.
5. Дар диссертатсия нуқсонҳои услуби ҳам ба назар мерасанд. Масалан, дар ҷумлаи “Ба қалами ӯ дар асл беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуф ва аркони ирфон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд” (диссертатсия, саҳ. 3) “Аз муҳимтарин воқеоти ин айёми рӯзгори вай ошноӣ бо Саъдуддини Ҳамавӣ (вафоташ соли 649 ҳ.қ.) мебошад, ки ба андешаи аҳли таҳқиқ солҳои 641 то 649, яъне то замони вафоти шайх дар хидматаш будааст”. (диссертатсия, саҳ. 23)
6. Дуруст аст, ки агар дар фасли аввали боби аввали диссертатсия оид ба ҷаҳонбинӣ ва орои адиб чанд сархат оварда мешуд, зеро дар аксар маврид муайян намудани ҷаҳонбинии ин ва ё он адиб барои мушаххасу рушан гаштани баъзан сояҳои осорашон кумак менамояд.

Эродҳои зикршуда ислоҳпазиранд. Умед дорем, ки ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кор мусоидат менамоянд.

Фишурдаи диссертатсия бо забони адабӣ ва меъёри илмӣ таълиф шуда, дар он матолиби нав, масъалагузориҳои тоза, шеваи баррасиҳои илмӣ, назари инфиродӣ ва мулоҳизаҳои шахсии муаллиф ошкоранд.

Мухтавои мақолаҳои батабърасонидаи диссертант низ ба муҳтавои асосии диссертатсия мутобиқат дорад. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи «**Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик**» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, директори генералии**
**Муассисаи давлатии "Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб",**
**номзади илмҳои филология,** **Асозода Ҳотам Раҷаб**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Рӯзигул Солеҳова № 5.
Тел.: (8-33-22-2-26-99); +992 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru
20-уми ноябри соли 2023.

Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ-и ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф. Ҷ.М.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj
20-уми ноябри соли 2023.